**«ТАСДИҚ КАРДА ШУД”**

Бо Қарори Анҷумани Иттифоқи адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18-19 сентябри 2015 сол

# Н И З О М Н О М А
# дар бораи Комиссияи интизомии Иттифоқи адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон

## Боби 1
## Муқаррароти умумӣ

### Моддаи 1. Муқаррароти умумӣ

Низомномаи мазкур дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ", Оинномаи Иттифоқи адвокатҳо ва Кодекси одоби касбии адвокатҳо таҳия гардидааст.

Барои амалӣ намудани назорат аз рӯи фаъолияти касбии адвокатҳо аз ҳисоби аъзои Иттифоқи адвокатҳо Комиссияи интизомии Иттифоқи адвокатҳо интихоб карда мешавад.

Комиссияи интизомии Иттифоқи адвокатҳо фаъолияти худро дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ", Оинномаи Иттифоқи адвокатҳо, Кодекси одоби касбии адвокатҳо ва Низомномаи мазкур амалӣ менамояд.

Комиссияи интизомӣ аз натиҷаи фаъолияти худ ба Анҷумани адвокатҳо ҳисобот медиҳад.

Аъзои Комиссияи интизомии Иттифоқи адвокатҳо метавонанд фаъолияти худро дар Комиссияи интизомӣ якҷоя бо фаъолияти адвокатӣ пеш баранд. Онҳо ҳуқуқ надоранд, ки дар Иттифоқи адвокатҳо вазифаи дигари интихобиро ишғол намоянд.

Комиссияи интизомии мақомоти минтақавии Иттифоқи адвокатҳо дар асоси Низомномаи мақомоти минтақавии Иттифоқи адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил дода мешавад.

Тартиб ва андозаи пардохти ҳаққи хизматро ба аъзои Комиссияи интизомӣ барои рӯзҳои иштирокашон дар кори комиссия Анҷумани Иттифоқи адвокатҳо муқаррар менамояд.

Истеҳсолоти интизомӣ бояд баррасӣ ва ҳалли саривақтӣ, холисона ва одилонаи шикоятҳо, пешниҳодҳо, мурочиатҳоро нисбати адвокат мутобиқи қонунгузорӣ дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ ва Кодекси одоби касбии адвокатҳо, инчунин иҷрои қарори қабулшударо таъмин намояд.

Ҳангоми пешбурди истеҳсолоти интизомӣ барои ҳифзи маълумотҳое, ки дорои сирри ҳаёти шахсии нафарони бо шикоят мурожиаткарда, сирри тиҷоратӣ ва адвокатӣ мебошанд, инчунин ҷиҳати ба созиш овардани адвокат ва аризадиҳанда тадбирҳо андешида мешавад.

## Боби 2
## Ҳайати Комиссияи интизомии Иттифоқи адвокатҳо, тартиби интихоб ва ваколатҳо

### Моддаи 2. Ҳайати Комиссияи интизомӣ ва тартиби интихоб

1. Комиссияи интизомӣ аз ҳафт аъзо иборат буда, онҳо аз ҷониби Анҷумани Иттифоқи адвокатҳо ба мӯҳлати чор сол интихоб карда мешаванд. Раиси Комиссияи интизомӣ аз ҷониби Анҷумани Иттифоқи адвокатҳо ба мӯҳлати чор сол интихоб мегардад.
2. Ба узвияти Комиссияи интизомии Иттифоқи адвокатҳо метавонанд адвокатҳое интихоб шаванд, ки вакилони мақомоти минтақавӣ дар Анҷуман намебошанд.

Ба сифати аъзои комиссияи интизомӣ метавонанд адвокатҳое интихоб гарданд, ки собиқаи фаъолияти адвокатии на камтар аз панҷсола доранд.

Ба ҳайати Комиссияи интизомии Иттифоқи адвокатҳо аъзои Раёсат ва Комиссияи ревизионии Иттифоқи адвокатҳо, инчунин аъзои Шӯро ва Комиссияи интизомии мақомоти минтақавии Иттифоқи адвокатҳо интихоб шуда наметавонанд.

### Моддаи 3. Ваколатҳои Комиссияи интизомии Иттифоқи адвокатҳо

Ваколатҳои Комиссияи интизомии Иттифоқи адвокатҳо инҳоянд:

– баррасии шикоятҳо (пешниҳодҳо, таъинотҳо) нисбати адвокатҳо;
– баррасии шикоятҳо (пешниҳодҳо, таъинотҳо) нисбати раис ва аъзои Раёсати Иттифоқи адвокатҳо, аъзои Комиссияҳои ревизионӣ ва интизомӣ, намояндагони аъзои Иттифоқи адвокатҳо дар Комиссияи тахассусӣ, инчунин раис ва аъзои Шӯрои мақомоти минтақавии Иттифоқи адвокатҳо;
– баррасии шикоятҳо нисбати қарорҳои мақомоти минтақавии Иттифоқи адвокатҳо дар хусуси ба ҷавобгарии интизомӣ кашидани адвокат;
– назорати фаъолияти касбии адвокатҳо ва пешниҳод намудани тавсияҳо ба Раёсати Иттифоқи адвокатҳо ё Шӯрои мақомоти минтақавии Иттифоқи адвокатҳо оид ба зарурати такмил додани малакаи касбии адвокатҳо.

## Моддаи 4. Ҳуқуқҳои раиси Комиссияи интизомӣ

Раиси Комиссияи интизомӣ ҳуқуқ дорад:

– оид ба ҳамаи масъалаҳое, ки ба салоҳияти Комиссияи интизомӣ дохил мешаванд, мукотиба намояд;

– аъзои Комиссияи интизомӣ ва шахсони манфиатдорро дар хусуси ҷой, вақт ва рӯзномаи ҷаласаи комиссия хабардор намояд;

– масъалаҳоро барои баррасӣ дар ҷаласаҳо мустақилона омода намояд, ё омода кардани онҳоро ба аъзои Комиссияи интизомӣ супориш диҳад;

– бо супориши раиси Иттифоқи адвокатҳо шикоятҳои (пешниҳодҳои, муроҷиатҳои) ба Комиссияи интизомӣ воридшударо нисбати амалҳои аъзои Иттифоқи адвокатҳо баррасӣ намояд;

– аз натиҷаи фаъолияти комиссия ба Анҷумани Иттифоқи адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисобот диҳад.

## Моддаи 5. Ҳуқуқу ухдадориҳои узви Комиссияи интизомӣ

1. Аъзои Комиссияи интизомии Иттифоқи адвокатҳо ҳуқуқ доранд:

– бо ҳамаи ҳуҷҷатҳо ва маводҳое, ки барои кори комиссия зарур мебошад, шинос шаванд;

– шикоятҳо (пешниҳодҳо, муроҷиатҳо)-ро нисбати аъзои Иттифоқи адвокатҳо баррасӣ намоянд;

– шикоятҳо (пешниҳодҳо, муроҷиатҳо)-ро нисбати раис ва аъзои Раёсати Иттифоқи адвокатҳо, аъзои Комиссияҳои ревизионӣ ва интизомӣ, намояндагони аъзои Иттифоқи адвокатҳо дар Комиссияи тахассусӣ, инчунин раис ва аъзои Шурои мақомоти минтақавии Иттифоқи адвокатҳо баррасӣ намоянд;

– дар баррасии парвандаҳо оид ба ҷавобгарии интизомии аъзои Иттифоқи адвокатҳо иштирок кунанд;

– дар баррасии парвандаҳо оид ба ҷавобгарии интизомии раис ва аъзои Раёсати Иттифоқи адвокатҳо, аъзои Комиссияҳои ревизионӣ ва интизомӣ, намояндагони аъзои Иттифоқи адвокатҳо дар Комиссияи тахассусӣ, инчунин раис ва аъзои Шурои мақомоти минтақавии Иттифоқи адвокатҳо иштирок намоянд;

– бо шикояти адвокат ба қарорҳои мақомоти минтақавии Иттифоқи адвокатҳо дар хусуси ба ҷавобгарии интизомӣ кашидани ӯ шинос шаванд;

– дар баррасии шикояти адвокат ба қарори мақомоти минтақавии Иттифоқи адвокатҳо дар хусуси ба ҷавобгарии интизомӣ кашидани адвокат иштирок намоянд;

– ба адвокате, ки сифати кори (тахассуси касбии) ӯ санҷида мешавад, ё нисбаташ парвандаи интизомӣ оғоз шудааст, инчунин ба дигар шахсоне, ки дар пешбурди истеҳсолоти интизомӣ иштирок менамоянд, саволҳо диҳанд;

– дар қабул намудани қарорҳо аз рӯйи натиҷаи санҷиши сифати кори (тахассуси касбии) аъзои Иттифоқи адвокатҳо иштирок кунанд;

– дигар ҳуқуқҳоро, ки ба қонунгузорӣ ва Низомномаи мазкур мухолиф нестанд, амалӣ намоянд.

2. Аъзои Комиссияи интизомӣ уҳдадоранд:

– дар кори Комиссияи интизомӣ иштирок намоянд;

– супоришҳои раиси Комиссияи интизомиро иҷро намоянд.

**Моддаи 6. Қатъ гардидани ваколатҳои узви Комиссияи интизомӣ**

Ваколатҳои узви Комиссияи интизомӣ қатъ мегарданд:

– дар асоси аризаи шахсии ӯ;

– бинобар гузаштани мӯҳлате, ки Комиссияи интизомӣ интихоб шуда буд;

– бинобар фавт;

– ҳангоми ба мӯҳлати зиёда аз 4 моҳ ғайриимкон будани аз ҷониби ӯ иҷро намудани уҳдадориҳои узви Комиссияи интизомӣ;

– бинобар қатъ шудани мақоми адвокатии ӯ.

## Боби 3
## Давраи оғоз намудани Истеҳсолоти интизомӣ

**Моддаи 7. Оғоз намудани Истеҳсолоти интизомӣ**

1. Раиси Раёсати Иттифоқи адвокатҳо ё шахси ӯро ивазкунанда, баробари ворид шудани ҳуҷҷатҳое, ки бо Низомномаи мазкур пешбинӣ гардидаанд, на дертар аз даҳ рӯзи баъд аз ворид шуданашон, бо амри худ истеҳсолоти интизомӣ оғоз мекунад.

2. Дар ҳолатҳои зарурӣ мӯҳлати мазкур аз ҷониби Раиси Раёсати Иттифоқи адвокатҳо ё шахси ӯро ивазкунанда то як моҳ дароз карда мешавад.

3. Дар сурати ворид гардидани шикоят аз амалҳои адвокати мақоми минтақавии Иттифоқи адвокатҳо, ки меъёрҳои Кодекси одоби касбии адвокатҳоро вайрон кардааст, ин шикоят барои баррасӣ ба Комиссияи интизомии минтақаи мазкур фиристода мешавад.

4. Иштирокчиёни истеҳсолоти интизомӣ қаблан дар хусуси ҷой ва вақти баррасии парвандаи интизомӣ хабардор карда шуда, ба онҳо

имконият дода мешавад, ки бо ҳамаи маводҳои истеҳсолоти интизомӣ шинос шаванд.
Хабарномаҳо ва дигар ҳуҷҷатҳо, ки бояд мутобиқи Низомномаи мазкур ирсол гарданд, ба нишонии адвокат фиристода мешаванд.
5. Баробари ворид гардидани ҳуҷҷатҳое, ки бо Низомномаи мазкур пешбинӣ шудаанд, адвокат уҳдадор аст, ки бо дархости Комиссияи интизомӣ истеҳсолоти адвокатӣ, аз ҷумла созишнома дар бораи расонидани ёрии ҳуқуқӣ ва ҳуҷҷатҳоро дар хусуси ҳисоббаробаркунии пулии байни адвокат ва ваколатдиҳанда пешниҳод намояд.
6. Дар сурати ворид гардидани шикоятҳо, пешниҳодҳо ва муроҷиатҳое, ки барои оғоз намудани истеҳсолоти интизомӣ сабаби имконпазир намебошанд, инчунин дар сурати ворид шудани онҳо аз номи шахсоне, ки ҳуқуқи масъалагузорӣ намуданро ҷиҳати оғоз кардани истеҳсолоти интизомӣ надоранд, ё дар сурати маълум шудани ҳолатҳое, ки имконияти оғоз намудани истеҳсолоти интизомиро истисно мекунанд, Раиси Раёсати Иттифоқи адвокатҳо ё шахси ӯро ивазкунанда бо амри худ аз оғоз намудани истеҳсолоти интизомӣ рад карда, ин ҳуҷҷатҳоро, бо зикр намудани асосҳои қарори қабулшуда, ба аризадиҳанда бармегардонад.

## Моддаи 8. Сабабҳои оғоз намудани истеҳсолоти интизомӣ

1. Сабабҳои оғоз намудани истеҳсолоти интизомӣ инҳоянд:
– шикояте, ки ба Иттифоқи адвокатҳо аз ҷониби адвокати дигар, ваколатдиҳандаи адвокат ё намояндаи қонунии ӯ оварда шудааст, инчунин дар сурати бе асосҳои кофӣ аз қабул намудани супориш даст кашидани адвокат-шикояти шахсе, ки барои расонидани ёрии ҳуқуқӣ бо тартиби моддаи 32 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ"муроҷиат намудааст;
– пешниҳоде, ки ба Иттифоқи адвокатҳо аз ҷониби мақомоти ҳокимияти давлатии дар соҳаи адвокатура ваколатдор фиристода шудааст;
– муроҷиати суди (судяи) баррасикунандаи парванда ба Иттифоқи адвокатҳо, агар намоянда (ҳимоятгар) бо ин парванда адвокат бошад.
2. Шикоят, пешниҳод ва муроҷиат барои оғоз намудани истеҳсолоти интизомӣ сабаби имконпазир мебошанд, агар онҳо дар шакли хаттӣ пешниҳод гардида, маълумотҳои зеринро дарбар гирифта бошанд:
– номи мақоме, ки ба он шикоят, пешниҳод ва муроҷиат фиристода мешавад;
– ном, насаб, номи падари адвокате, ки нисбати адвокати дигар шикоят овардааст, мансубият ба мақоми минтақавӣ ва ташкилоти адвокатӣ;

– ном, насаб, номи падари ваколатдиҳандаи адвокат, ҷойи истиқомати ӯ, агар пешниҳодкунандаи шикоят муассиса, ташкилот бошад, ном ва маҳалли ҷойгиршавии он, агар шикоятро намоянда пешниҳод кунад, ном, насаб, номи падари (номи) намоянда ва нишонии он;

– ном ва маҳалли ҷойгиршавии мақоми ҳокимияти давлатӣ, инчунин ном, насаб, номи падари шахси мансабдоре, ки пешниҳод фиристодааст ё муроҷиат намудааст;

– ному насаб (сарҳарфи насаб ва номи падари) адвокате, ки нисбати ӯ ҷиҳати оғоз намудани истеҳсолоти интизомӣ масъалагузорӣ карда шудааст;

– амалҳои (беамалии) мушаххаси адвокат, ки дар онҳо вайронкунии уҳдадориҳои касбӣ ифода ёфтаанд;

– ҳолатҳое, ки шахси шикоят, пешниҳод ва муроҷиат намуда бо истинод ба онҳо талабҳои худро асоснок мекунад, инчунин далелҳое, ки ин ҳолатҳоро тасдиқ менамоянд.

3. Шикоятҳо, пешниҳодҳо ва муроҷиатҳое, ки на аз ҷониби шахсони дар қисми 1-и моддаи мазкур зикргардида оварда шудаанд, инчунин шикоятҳо, пешниҳодҳо ва муроҷиатҳои шахсони дар қисми 1-и ҳамин модда зикргардида нисбати амалҳои (беамалии) адвокат, ки ба иҷрои уҳдадориҳои касбӣ аз ҷониби ӯ алоқаманд нестанд, сабаби имконпазири оғози истеҳсолоти интизомӣ шуда наметавонанд.

4. Шикоятҳо ва муроҷиатҳои адвокатҳои дигар ё мақомоти ташкилотҳои адвокатӣ, ки аз муносибатҳои марбут ба таъсис ва фаъолияти ин ташкилотҳо бармеоянд, низ сабаби имконпазири оғози истеҳсолоти интизомӣ шуда наметавонанд.

5. Шикоятҳо ва хабарҳои беном нисбати амалҳои (беамалии) адвокатҳо баррасӣ карда намешаванд.

**Моддаи 9. Ҳолатҳое, ки истеҳсолоти интизомиро истисно мекунанд**

1. Ҳолатҳое, ки истеҳсолоти интизомиро истисно мекунанд, инҳоянд:

– мавҷуд будани қарори қаблан қабулнамудаи Раёсати Иттифоқи адвокатҳо ва Шӯрои мақомоти минтақавии Иттифоқи адвокатҳо оид ба истеҳсолоти интизомӣ бо ҳамон иштирокчиён ва оид ба ҳамон мавзӯъ ва асос;

– мавҷуд будани қарори қаблан қабулнамудаи Раёсати Иттифоқи адвокатҳо ва Шӯрои мақомоти минтақавии Иттифоқи адвокатҳо оид ба қатъ намудани истеҳсолоти интизомӣ аз рӯйи асосҳои дар ҳамин Низомнома пешбинишуда;

– гузаштани мӯҳлати татбиқ намудани чораҳои ҷазои интизомӣ.

2. Дар амр оид ба рад кардан аз оғози истеҳсолоти интизомӣ ё дар бораи оғоз намудани истеҳсолоти интизомӣ бояд асосҳои қабул намудани қарор зикр карда шаванд.

Баъд аз оғоз намудани истеҳсолоти интизомӣ иштирокчиёни истеҳсолоти интизомӣ шахсон, мақомот ва ташкилотҳое, ки шикоят, пешниҳод, мурочиат намудаанд, адвокате, ки нисбати ӯ истеҳсолоти интизомӣ оғоз шудааст, инчунин намояндагони шахсони зикршуда, мақомот ва ташкилотҳо ба шумор мераванд.

3. Бозхонди шикоят, пешниҳод, мурочиат ё ба созиш омадани адвокат бо аризадиҳанда, ки дар шакли хатттӣ ифода ёфтааст, то қабули қарори Раёсати Иттифоқи адвокатҳо мумкин аст ва метавонад боиси қатъ гардидани истеҳсолоти интизомӣ бо қарори Раёсат ва дар асоси хулосаи Комиссияи интизомӣ шавад. Бо ҳамин мавзӯъ ва ҳамин асос такроран оғоз намудани истеҳсолоти интизомӣ роҳ дода намешавад.

## Боби 4
## Муҳокима дар Комиссияи интизомии Иттифоқи адвокатҳо

### Моддаи 10. Муҳокима дар Комиссияи интизомӣ

1. Шакли асосии фаъолияти Комиссияи интизомӣ гузаронидани ҷаласаҳо мебошад.

2. Ҷаласаи Комиссияи интизомиро раиси Комиссияи интизомӣ аз рӯйи зарурат даъват мекунад.

3. Муҳокима дар Комиссияи интизомии Иттифоқи адвокатҳо шифоҳӣ, дар асоси принсипи мубоҳиса ва баробарҳуқуқии иштирокчиёни истеҳсолоти интизомӣ сурат мегирад.

4. Қабл аз оғози муҳокима ҳамаи аъзои Комиссияи интизомӣ барои ифшо накардани маълумотҳое, ки дорои сирри ҳаёти шахсии иштирокчиёни истеҳсолоти интизомӣ, инчунин сирри тиҷоратӣ, адвокатӣ ё сирри дигар буда, ба онҳо дар рафти муҳокима маълум мегарданд, огоҳонида мешаванд.

5. Комиссияи интизомӣ бояд дар он ҷаласае, ки муҳокима моҳиятан сурат гирифтааст, дар асоси тадқиқи бевоситаи далелҳои аз ҷониби иштирокчиёни истеҳсолоти интизомӣ то оғози муҳокима пешниҳодшуда, инчунин баёноти шифоҳии онҳо, оид ба истеҳсолоти интизомии оғозшуда хулоса диҳад.

6. Далелҳои хаттӣ ва ҳуҷҷатҳое, ки иштирокчиён мехоҳанд ба комиссия пешниҳод намоянд, бояд ба котиби комиссия на дертар аз ду шабонарӯз то оғози ҷаласа пешниҳод карда шаванд. Комиссияи интизомӣ метавонад аз иштирокчиёни истеҳсолоти интизомӣ бевосита дар рафти муҳокима маводҳои иловагиро барои баррасӣ қабул намояд, агар имконияти қаблан пешниҳод намудани онҳо мавҷуд набошад. Дар

ин сурат, комиссия, дар асоси дархости иштирокчиёни истеҳсолоти интизомӣ, метавонад барои шиносоӣ бо маводҳои нави пешниҳодшуда муҳокимаро мавқуф гузорад.
7. Комиссия бо хоҳиши иштирокчиёни истеҳсолоти интизомӣ ё бо ташаббуси худ метавонад маълумотҳо ва ҳуҷҷатҳои иловагиро, ки барои баррасии холисонаи парвандаи интизомӣ зарур мебошад, дархост намояд.
8. Адвокате, ки нисбати ӯ истеҳсолоти интизомӣ оғоз шудааст, метавонад то қабул гардидани қарори Раёсати Иттифоқи адвокатҳо ҷиҳати созиш намудан бо шахси шикояткарда чораҷӯйӣ намояд.
9. Комиссияи интизомӣ бояд моҳиятан хулоса диҳад, ба шарте ки дар лаҳзаи оғоз намудани истеҳсолоти интизомӣ мӯҳлатҳои дар Низомномаи мазкур пешбинишуда нагузашта бошанд.
10. Ҳозир нашудани нафаре аз иштирокчиёни истеҳсолоти интизомӣ боиси мавқуф гузоштани муҳокима намегардад. Дар ин сурат Комиссияи интизомӣ парвандаро моҳиятан, аз рӯйи маводҳои мавҷудбуда баррасӣ намуда, баёноти иштирокчиёни истеҳсолоти интизомиро, ки ба ҷаласаи комиссия ҳозир шудаанд, мешунавад.
11. Муҳокима дар комиссия дар ҳадди он талабот ва бо он асосҳое, ки дар шикоят, пешниҳод ва муроҷиат иброз гардидаанд, амалӣ карда мешавад.
12. Тағйир додани мавзӯъ ва (ё) асоси шикоят, пешниҳод ва муроҷиат роҳ дода намешавад.

**Моддаи 11. Муҳлатҳои баррасии парванда**

Парвандаи интизомӣ, ки ба Комиссияи интизомӣ ворид шудааст, бояд дар муддати на дертар аз ду моҳ, бе дарназардошти вақти мавқуф гузошта шудани баррасии парванда бо сабабҳои аз ҷониби Комиссияи интизомӣ узрнок эътирофшуда, баррасӣ карда шавад.

**Моддаи 12. Ҳуқуқҳои иштирокчиёни истеҳсолоти интизомӣ**

Иштирокчиёни истеҳсолоти интизомӣ аз лаҳзаи оғоз гардидани он ҳуқуқ доранд:

– бо ҳамаи маводҳои истеҳсолоти интизомӣ шинос шуда, аз онҳо маълумотҳои заруриро рӯйнавис кунанд, онҳоро, аз ҷумла бо ёрии воситаҳои техникӣ, нусхабардорӣ намоянд;
– дар ҷаласаи комиссия шахсан ва (ё) ба воситаи намоянда иштирок намоянд;
– оид ба моҳияти муҳокима баёноти шифоҳӣ ва хаттӣ диҳанд, далелҳо пешниҳод кунанд;
– бо протоколи ҷаласа ва хулосаи комиссия шинос шаванд;

– дар сурати розӣ нашудан бо хулосаи комиссия ба Раёсати Иттифоқи адвокатҳо баёноти худро пешниҳод кунанд.

**Моддаи 13. Протоколи ҷаласаи Комиссияи интизомӣ**

1. Рафти ҷаласаи Комиссияи интизомӣ дар протокол сабт карда мешавад. Протокол аз ҷониби раисикунанда ва котиби ҷаласаи комиссияи интизомӣ имзо карда мешавад.
2. Дар протоколи ҷаласаи Комиссияи интизомӣ маълумотҳои зерин сабт мегарданд:
– сана ва ҷойи гузаронидани ҷаласа;
– аъзои Комиссияи интизомӣ, ки дар ҷаласа иштирок намуданд;
– маълумот дар бораи хабардор кардани шахсони манфиатдор;
– маълумот дар бораи ҳозир шудани шахсони манфиатдор, ки ба ҷаласа даъват гардида буданд;
– дар сурати набудани онҳо бошад-сабабҳои ҳозир нашудан;
– ҳолатҳои воқеӣ, ки аз ҷониби Комиссияи интизомӣ ҳангоми баррасии парванда муқаррар карда шудаанд;
– қарори қабулшуда;
– шумораи овозҳои аъзои комиссияи интизомӣ, ки ба тарафдорӣ ва ба муқобили қарори қабулшуда овоз додаанд, инчунин шумораи нафароне, ки ҳангоми қабул намудани қарор аз овоз додан худдорӣ кардаанд.

**Моддаи 14. Ваколатҳои Комиссияи интизомӣ аз рӯйи натиҷаҳои баррасии истеҳсолоти интизомӣ**

1. Комиссияи интизомӣ аз рӯйи натиҷаҳои баррасии истеҳсолоти интизомӣ ҳуқуқ дорад чунин хулосаҳо диҳад:
– дар хусуси мавҷуд будани вайронкунии меъёрҳои қонунгузорӣ дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ, Оинннома ва (ё) Кодекси одоби касбии адвокатҳо дар амалҳои (беамалии) адвокат, аз ҷониби адвокат иҷро накардан ё ба таври номатлуб иҷро кардани уҳдадориҳои худ дар назди ваколатдиҳанда ё иҷро накардани қарорҳои мақомоти Иттифоқи адвокатҳо;
– дар бораи зарурати қатъ кардани истеҳсолоти интизомӣ бинобар дар амалҳои (беамалии) адвокат мавҷуд набудани вайронкунии меъёрҳои қонунгузорӣ дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ, Оиннома ва (ё) Кодекси одоби касбии адвокатҳо, ё бинобар аз ҷониби адвокат ба таври дахлдор иҷро гардидани ӯҳдадориҳои худ дар назди ваколатдиҳанда ё ташкилоти адвокатӣ;

– дар бораи зарурати қатъ кардани истеҳсолоти интизомӣ бинобар мавҷуд будани хулосаи қаблии Комиссияи интизомӣ ва қарори қаблан қабулнамудаи Раёсат ё Шӯрои мақомоти минтақавии Иттифоқи адвокатҳо оид ба истеҳсолоти интизомӣ бо ҳамон иштирокчиён ва оид ба ҳамон мавзӯъ ва асос;

– дар бораи зарурати қатъ кардани истеҳсолоти интизомӣ бинобар бозхонд карда шудани шикоят, пешниҳод, муроҷиат ё ба созиш омадани адвокат бо аризадиҳанда;

– дар бораи зарурати қатъ кардани истеҳсолоти интизомӣ бинобар гузаштани мӯҳлати татбиқ намудани чораҳои ҷавобгарии интизомӣ;

– дар бораи зарурати қатъ кардани истеҳсолоти интизомӣ бинобар дар рафти муҳокима маълум шудани мавҷуд набудани сабаби имконпазири оғози истеҳсолоти интизомӣ.

2. Муҳокима дар ҳамаи ҳолатҳо дар ҷаласаи кушодаи Комиссияи интизомӣ амалӣ мешавад, ба истиснои ҳолатҳое, ки қонунгузорӣ гузаронидани ҷаласаҳои пӯшидаро пешбинӣ намудааст. Тартиби муҳокимаро Комиссияи интизомӣ муайян намуда, ба маълумоти иштирокчиёни истеҳсолоти интизомӣ мерасонад.

3. Бо хоҳиши иштирокчиёни истеҳсолоти интизомӣ ба онҳо дар муддати даҳ рӯз нусхаи тасдиқгардидаи хулосаи комиссия супорида (фиристода) мешавад.

**Моддаи 15. Мазмуни хулосаи Комиссияи интизомӣ**

1. Хулосаи комиссия бояд ваҷҳнок ва асоснок буда, аз қисмҳои муқаддимавӣ, баёнӣ, асосноккунӣ ва хулосавӣ иборат бошад.

2. Дар қисми муқаддимавӣ ҷой ва вақти бароварда шудани хулоса, номи комиссияи онро баровардa, ҳайати комиссия, иштирокчиёни истеҳсолоти интизомӣ, сабаби оғоз намудани истеҳсолоти интизомӣ зикр карда мешаванд.

3. Қисми баёнӣ бояд мавзӯи шикоят ё пешниҳод (муроҷиат) ва баёноти адвокатро дарбар гирад.

4. Дар қисми асосноккунии хулоса бояд ҳолатҳои воқеие, ки аз ҷониби комиссия муқарррар карда шудаанд, далелҳое, ки хулосаҳои комиссия ба онҳо асос ёфтаанд, ваҷҳҳое, ки дар асоси онҳо комиссия ин ё он далелҳоро рад намудааст, инчунин қоидаҳои рафтори касбии адвокатҳо, ки бо қонунгузорӣ дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ ва Кодекси одоби касбии адвокатҳо пешбинӣ шуда, Комиссияи интизомӣ ҳангоми баровардани хулоса онҳоро ба роҳбарӣ гирифтааст, зикр карда шаванд.

5. Хулосаи Комиссияи интизомӣ бо аксарияти одии овозҳои аъзои комиссия, ки дар ҷаласаи он иштирок доранд, қабул карда мешавад. Дар сурати баробар будани овозҳои аъзои Комиссияи интизомӣ ҳангоми

қабул намудани қарор овози раиси комиссия ҳалкунанда мебошад. Қарорҳо аз ҷониби раисикунандаи ҷаласа ва котиби ҷаласаи Комиссияи интизомӣ имзо карда мешаванд.

## Боби 5
## Баррасии шикоятҳо нисбати қарорҳои Комиссияи интизомии минтақавӣ

### Моддаи 16. Мӯҳлати овардани шикоят

1. Комиссияи интизомии Иттифоқи адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба қарорҳои Комиссияи интизомии мақоми минтақавии Иттифоқи адвокатҳо дар хусуси ба ҷавобгарии интизомӣ кашидани адвокат нақши мақоми апеллятсиониро мебозад.
2. Шикоят нисбати қарори комиссияи интизомии мақоми минтақавии Иттифоқи адвокатҳо аз ҷониби шахсони манфиатдор дар муддати як моҳ аз лаҳзаи гирифтани қарор ба Комиссияи интизомии Иттифоқи адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ё ба суд пешниҳод карда мешавад.

### Моддаи 17. Мазмуни шикоят

1. Шикоят бояд маълумоти зеринро дарбар гирад:
- номи Комиссияи интизомӣ, ки ба он шикоят фиристода шудааст;
- ном, насаб, номи падари адвокате, ки шикоят овардааст, ё намояндаи ӯ, ҷойи истиқомат ё маҳалли ҷойгиршавии он;
- истинод ба қароре, ки нисбати он шикоят оварда мешавад;
- талаботи адвокате, ки шикоят овардааст, инчунин асосҳое, ки бо истинод ба онҳо ин нафарон қарори қабулшударо нодуруст меҳисобанд;
- номгӯйи далелҳое, ки ба шикоят ва эътироз замима карда мешаванд.

2. Истиноди адвокати шикояткунанда ба далелҳои наве, ки ба баррасии Комиссияи интизомӣ пешниҳод нашуда буданд, танҳо дар сурати дар шикоят асоснок намудани мавҷуд набудани имконияти қаблан пешниҳод кардани онҳо, роҳ дода мешавад.
3. Шикоят аз ҷониби адвокате, ки шикоят овардааст, ё намояндаи ӯ имзо карда мешавад. Ба шикояте, ки аз ҷониби намоянда пешниҳод карда мешавад, бояд ваколатнома, ё ҳуҷҷати дигар, ки ваколати намояндаро тасдиқ менамояд, замима карда шавад.

**Моддаи 18. Амалҳои раиси комиссияи интизомӣ**

1. Раиси Комиссияи интизомӣ пас аз гирифтани шикоят мутобиқи талаботи Низомномаи мазкур уҳдадор аст:

- дар муддати на дертар аз се рӯзи пас аз гирифтани шикоят нусхаи онро якҷоя бо далелҳои хаттии ба он замимашуда ба шахсони иштирокчии парванда фиристад;
- шахсони дар парванда иштироккунандаро дар хусуси вақт ва ҷойи дар Комиссияи интизомии Иттифоқи адвокатҳо баррасӣ гардидани шикоят хабардор намояд.

**Моддаи 19. Норозигӣ нисбати шикоят**

Шахсоне, ки дар баррасии истеҳсолоти интизомӣ иштирок менамоянд, ҳуқуқ доранд норозигии худро нисбати шикоят дар шакли хаттӣ бо замима намудани ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи ин норозигӣ, пешниҳод намоянд.

**Моддаи 20. Муҳлатҳои баррасии парванда дар Комиссияи интизомӣ**

Комиссияи интизомии Иттифоқи адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд шикояти воридшударо дар муддати на дертар аз як моҳ аз рӯзи ворид шудани он баррасӣ намояд.

**Моддаи 21. Баргузории ҷаласаҳо дар Комиссияи интизомии Иттифоқи адвокатҳо**

Тартиби баргузории ҷаласаҳо дар Комиссияи интизомии Иттифоқи адвокатҳо бо қоидаҳои Низомномаи мазкур, ки барои баррасии истеҳсолоти интизомӣ нисбати аъзои Раёсат, Комиссияҳои ревизионӣ ва интизомӣ, аъзои Шӯрои мақоми минтақавии Иттифоқи адвокатҳо, намояндагони аъзои Иттифоқи адвокатҳо дар Комиссияи тахассусӣ пешбинӣ гардидааст, муайян карда мешавад.

**Моддаи 22. Ваколатҳои Комиссияи интизомии Иттифоқи адвокатҳо ҳангоми баррасии шикоят**

Комиссияи интизомии Иттифоқи адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми баррасии шикоят ҳуқуқ дорад:

– қарори Комиссияи интизомии мақоми минтақавии Иттифоқи адвокатҳоро бетағйир ва шикоятро беқаноат монад;
– қарори Комиссияи интизомии мақоми минтақавии Иттифоқи адвокатҳоро бекор карда, парвандаро барои баррасии нав ба Комиссияи интизомии мақоми минтақавӣ ирсол намояд;
– қарори Комиссияи интизомии мақоми минтақавии Иттифоқи адвокатҳоро тағйир диҳад, ё бекор кунад ва агар ҳолатҳои барои парванда аҳамиятдошта дар асоси далелҳои мавҷудбуда ва ба тариқи иловагӣ пешниҳодшуда муқаррар шуда бошанд, бе фиристодани парванда ба баррасии нав, қарори нав қабул намояд;
– қарори Комиссияи интизомии мақоми минтақавии Иттифоқи адвокатҳоро бекор карда, истеҳсолоти парвандаро қатъ кунад, ё шикоятро бе баррасӣ монад.

**Моддаи 23. Шикоят овардан ба қарори Комиссияи интизомии Иттифоқи адвокатҳо**

Нисбати қарори Комиссияи интизомии Иттифоқи адвокатҳо аз рӯйи натиҷаи баррасии шикоят ба қарори Комиссияи интизомии мақоми минтақавӣ тарафҳо метавонанд дар муддати як моҳ аз рӯзи бароварда шуданаш ба суд шикоят намоянд.

## Боби 6
## Давраи баррасии хулосаи Комиссияи интизомӣ аз ҷониби Раёсати Иттифоқи адвокатҳо

**Моддаи 24. Хусусиятҳои баррасии шикоят дар Раёсати Иттифоқи адвокатҳо**

1. Парвандаи интизомӣ, ки ба Раёсати Иттифоқи адвокатҳо бо хулосаи Комиссияи интизомӣ ворид шудааст, бояд дар муддати на дертар аз як моҳ аз лаҳзаи бароварда шудани хулоса, бе дарназардошти вақти мавқуф гузошта шудани баррасии парванда бо сабабҳое, ки аз ҷониби Раёсат узрнок эътироф шудаанд, баррасӣ карда шавад. Иштирокчиёни истеҳсолоти интизомӣ дар хусуси ҷой ва вақти баргузор гардидани ҷаласаи Раёсат хабардор карда мешаванд.
2. Раёсати Иттифоқи адвокатҳо шикоятҳо, пешниҳодҳо ва муроҷиатҳоро бо тартиби пешбининамудаи Дастури он, бо дарназардошти хусусиятҳое, ки Низомномаи мазкур муайян кардааст, баррасӣ менамояд.
3. Иштирокчиёни истеҳсолоти интизомӣ дар муддати на дертар аз даҳ шабонарӯз аз лаҳзаи аз ҷониби Комиссияи интизомӣ бароварда шудани хулоса ҳуқуқ доранд ба воситаи котиби он ба Раёсат аризаи

хаттӣ пешниҳод намоянд, ки дар он норозигии онҳо бо хулоса ё дастгирӣ намудани хулоса ифода карда мешавад.

4. Раёсат ҳангоми муҳокима ҳуқуқ надорад, ки хулосаҳои Комиссияи интизомиро дар қисми ҳолатҳои воқеии аз ҷониби ӯ муқарраршуда аз нав дида бароад, ҳолатҳои воқеии аз ҷониби комиссия муқарраpнашударо муқарраршуда ҳисобад, инчунин аз ҳадди баррасии шикоят, пешниҳод, муроҷиат ва хулосаи Комиссияи интизомӣ берун барояд.

5. Муҳокимаи истеҳсолоти интизомӣ дар ҷаласаи кушодаи Раёсат амалӣ мешаванд, ба истиснои ҳолатҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои гузаронидани ҷаласаҳои пӯшидаи судӣ пешбинӣ намудааст. Ҳозир нашудани нафаре аз иштирокчиёни истеҳсолоти интизомӣ барои баргузории муҳокима ва қабул намудани қарор монеа намегардад. Ба иштирокчиёни истеҳсолоти интизомӣ барои изҳор намудани вачҳҳои худ ҷиҳати дастгирӣ кардани хулосаи Комиссияи интизомӣ ё ба муқобили он баромадан, баён кардани андешаашон оид ба чораҳои ҷавобгарии интизомии нисбати адвокат татбиқшаванда ҳуқуқҳои баробар дода мешавад.

6. Қарори Раёсат бояд асоснок буда, ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ" ва Кодекси одоби касбии адвокатҳо ба таври мушаххас истинод намояд.

**7.** Раёсат оид ба шикоят, пешниҳод ва муроҷиат бо роҳи овоздиҳӣ қарор қабул мекунад. Ба иштирокчиёни истеҳсолоти интизомӣ бевосита пас аз анҷом ёфтани муҳокима дар худи ҳамон ҷаласа қисми хулосавии қарор эълон карда мешавад. Бо хоҳиши иштирокчии истеҳсолоти интизомӣ ба ӯ дар муддати даҳ рӯз нусхаи тасдиқгардидаи қарор супорида (фиристода) мешавад. Нусхаи тасдиқгардидаи қарори қабулшуда дар муддати даҳ рӯз ба ташкилоти адвокатие, ки дар он адвокати нисбаташ оид ба истеҳсолоти интизомӣ қарор қабул гардида фаъолият менамояд, фиристода мешавад.

**Моддаи 25. Чораҳои ҷазои интизомӣ**

1. Чораҳои ҷазои интизомӣ инҳоянд:
– сарзаниш;
– танбеҳ;
– аз узвияти Иттифоқи адвокатҳо хориҷ намудан.

2. Чораҳои ҷазои интизомӣ инчунин нисбати ёрдамчиёни адвокатҳо ва коромӯз-адвокатҳо татбиқ карда мешаванд.

**Моддаи 26. Ваколатҳои Раёсати Иттифоқи адвокатҳо оид ба баррасии хулосаи Комиссияи интизомӣ**

1. Раёсати Иттифоқи адвокатҳо ҳуқуқ дорад оид ба истеҳсолоти интизомӣ чунин қарорҳо қабул намояд:

– дар хусуси мавҷуд будани вайронкунии меъёрҳои қонунгузорӣ дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ ва (ё) Кодекси одоби касбии адвокатҳо ва Оинномаи Иттифоқи адвокатҳо дар амалҳои (беамалии) адвокат, аз ҷониби адвокат иҷро накардан ё ба таври номатлуб иҷро кардани уҳдадориҳои худ дар назди ваколатдиҳанда ё Иттифоқи адвокатҳо, ё нисбати адвокат татбиқ намудани чораҳои ҷазои интизомӣ;

– дар бораи қатъ кардани истеҳсолоти интизомӣ нисбати адвокат бинобар дар амалҳои (беамалии) ӯ мавҷуд набудани вайронкунии меъёрҳои қонунгузорӣ дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ ва (ё) Кодекси одоби касбии адвокатҳо ва Оинномаи Иттифоқи адвокатҳо, ё бинобар аз ҷониби адвокат ба таври дахлдор иҷро гардидани уҳдадориҳои худ дар назди ваколатдиҳанда ё Иттифоқи адвокатҳо, инчунин дар сурате, ки ҳолатҳои воқеӣ аз ҷониби Комиссияи интизомӣ дуруст муқаррар карда шудаанд, аммо ҳангоми ба кирдори адвокат баҳои ҳуқуқӣ додан ё тафсири қонун ва Кодекси одоби касбии адвокатҳо комиссия ба хатогӣ роҳ додааст;

– дар бораи қатъ кардани истеҳсолоти интизомӣ бинобар мавҷуд будани хулосаи қаблии Комиссияи интизомӣ ва қарори қаблан қабулнамудаи Раёсати Иттифоқи адвокатҳо ё Шӯрои мақомоти минтақавии Иттифоқи адвокатҳо оид ба истеҳсолоти интизомӣ бо ҳамон иштирокчиён ва оид ба ҳамон мавзӯъ ва асос;

– дар бораи қатъ кардани истеҳсолоти интизомӣ бинобар бозхонд карда шудани шикоят, пешниҳод, муроҷиат ё ба созиш омадани шахси шикоятнамуда бо адвокат;

– дар бораи ба баррасии нав фиристодани истеҳсолоти интизомии Комиссияи интизомӣ;

– дар бораи қатъ кардани истеҳсолоти интизомӣ бинобар гузаштани мӯҳлати татбиқ намудани чораҳои ҷазои интизомӣ, ки дар рафти муҳокима аз ҷониби Раёсат ё Комиссияи интизомӣ муайян карда шудааст;

– дар бораи қатъ кардани истеҳсолоти интизомӣ бинобар камаҳамият будани ҳуқуқвайронкунии содирнамудаи адвокат бо ҷалб намудани диққати адвокат ба ҳуқуқвайронкунии роҳдода;

– дар бораи қатъ кардани истеҳсолоти интизомӣ бинобар дар рафти муҳокима аз ҷониби Раёсат ё Комиссияи интизомӣ маълум гардидани мавҷуд набудани сабаби имконпазири оғози истеҳсолоти интизомӣ.

2. Қатъ намудани истеҳсолоти интизомӣ аз рӯйи асоси дар зербанди 6 банди 1-и ҳамин модда зикргардида мумкин нест, агар адвокате, ки нисбати ӯ парвандаи интизомӣ оғоз гардидааст, дар ин бора норозигӣ

баён кунад. Дар ин ҳолат пешбурди истеҳсолоти интизомӣ ба тариқи умуми идома меёбад.

3. Иҷро намудани қарорҳои Раёсати Иттифоқи адвокатҳо, ки оид ба истеҳсолоти интизомӣ дар доираи ваколатҳои он қабул гардидааст, барои ҳамаи адвокатҳо ҳатмӣ мебошад.

4. Дар сурати аз ҷониби Раёсати Иттифоқи адвокатҳо нисбати адвокат татбиқ гардидани ҷазои интизомӣ дар намуди хориҷ намудан аз узвияти Иттифоқи адвокатҳо, Раёсат ба Комиссияи тахассусӣ дар бораи қатъ кардани мақоми адвокат пешниҳод ирсол менамояд.

**Моддаи 27. Мӯҳлатҳои татбиқи чораҳои ҷазои интизомӣ**

Ҷазои интизомӣ аз ҷониби Раёсати Иттифоқи адвокатҳо дар муддати на дертар аз як моҳи гирифтани хулосаи Комиссияи интизомӣ, бе дарназардошти мӯҳлати бемории адвокат ё дар рухсатии меҳнатӣ будани ӯ, татбиқ карда мешавад. Пас аз гузаштани шаш моҳ аз рӯзи содир гардидани ҳуқуқвайронкунии интизомӣ татбиқ намудани ҷазои интизомӣ мумкин нест.

**Моддаи 28. Шикоят овардан ба қарорҳои Раёсат**

Ба қарори Раёсати Иттифоқи адвокатҳо аз рӯйи истеҳсолоти интизомӣ адвокате, ки ба ҷавобгарии интизомӣ кашида шудааст, метавонад дар муддати  як моҳ аз рӯзи гирифтани қарор ба суд шикоят намояд.

**Моддаи 29. Ваколатҳои Раёсат ҳангоми ба миён омадани ҳолатҳои нав ва (ё) нав ошкоргардида**

Раёсати Иттифоқи адвокатҳо метавонад қарори худро оид ба татбиқ намудани чораҳои ҷазои интизомӣ нисбати адвокат ҳангоми ба миён омадани ҳолатҳои нав ва (ё) нав ошкоргардида бекор кунад, ё тағйир диҳад.

**Моддаи 30. Мӯҳлати амали ҷазои нтизомӣ**

Агар дар муддати як сол аз рӯзи татбиқ намудани ҷазои интизомӣ ба адвокат ҷазои нави интизомӣ татбиқ карда нашавад, ӯ ҷазои интизомӣ надошта ҳисобида мешавад. Раёсат метавонад бо ташаббуси худ, аризаи худи адвокат, дархости ташкилоти адвокатие, ки дар он адвокати нисбаташ оид ба истеҳсолоти интизомӣ қарор қабул гардида фаъолият менамояд, то гузаштани як сол ҷазои интизомии татбиқшударо бардорад.

**Моддаи 31. Маҳфуз доштани маводҳои истеҳсолоти интизомӣ**

1. Маводҳои истеҳсолоти интизомӣ дар парвандаҳои Раёсати Иттифоқи адвокатҳо дар муддати се сол аз лаҳзаи баровbooарда шудани қарор нигоҳ дошта мешаванд.

Бо гузаштани мӯҳлати мазкур маводҳои истеҳсолоти интизомӣ мумкин аст дар асоси қарори Раёсат нобуд карда шаванд.

2. Ифшо намудани маводҳои истеҳсолоти интизомӣ мумкин нест.

## Боби 7

## Муқаррароти хотимавӣ

**Моддаи 32. Мавриди амал қарор гирифтани Низомномаи мазкур**

Низомномаи мазкур, инчунин тағйиру иловаҳо ба он аз лаҳзаи онҳоро тасдиқ намудани Анҷумани Иттифоқи адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди амал қарор мегиранд.